**Бо [қарори]() Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз "29" майи соли 2018, № 253**
**тасдиқ шудааст**

# МЕТОДОЛОГИЯИ МОНИТОРИНГИ ОМОРИИ ВАЗЪИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)

*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*

1. Методологияи мониторинги омории вазъи муқовимат ба коррупсия (минбаъд - **Методология**) ба муқаррароти моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" асос ёфта, асосҳои ташкилӣ ва методии раванди таҳлили омории ҳолати муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

2. Предмети Методология ҷамъоварӣ ва ташаккули маълумоти оморӣ оид ба вазъи пешгирӣ, ошкоркунӣ, бақайдгирӣ, кушодан, рафъ намудан ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, ҳолати таҳқиқу тафтиш ва баррасии судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва муайян намудани вазъи мубориза бо ин намуд ҷиноятҳо бо мақсади таъминоти ҳуқуқӣ - иттилоотии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

3. Мониторинги омории вазъи муқовимат ба коррупсия аз ҷониби мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

## 2. МАҚСАДИ МЕТОДОЛОГИЯ

4. Мақсадҳои Методология инҳо мебошанд:

- муайян намудани вазъи пешгирӣ, ошкоркунӣ, бақайдгирӣ, кушодан, рафъ намудан ва таъқиби ҷиноятии кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта, баррасии судии ин намуди парвандаҳо, сатҳи паҳншавии он дар вазорату идораҳо, кумитаҳои давлатӣ, ташкилот, корхона ва муассисаҳо, бахши хусусӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва соҳаҳои ҷамъиятӣ;

- таъмини мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо иттилооти холисона оид ба ҳолати муқовимат ба коррупсия дар кишвар ва рафти татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқовимат ба коррупсия *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*;

- таъмини шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия, дастрасии пурраи аҳолӣ ба иттиллоот дар бораи ҳолати муқовимат ба коррупсия дар мамлакат ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*;

- фароҳам овардани шароит барои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубодилаи иттилоот оид ба вазъи муқовимат ба коррупсия *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

5. Мақсадҳои Методология бо роҳҳои зерин ба амал баровварда мешаванд:

- омӯзиши сабаб ва шароити ба содиркунии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта мусоидаткунанда;
- баҳодиҳӣ ба самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба вокуниши саривақтию асоснок ва самарабахш ба амалҳои коррупсионӣ, баррасии саривақтӣ ва асосноки аризаю иттиллоот дар бораи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва барқарор намудани зарари аз чунин ҷиноятҳо расонидашуда;
- арзёбии вазъи риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ҷомеа дар мавриди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
- мусоидат ба такмили амалияи пешгирӣ, ошкоркунӣ, бақайдгирӣ, кушодан, рафъ намудан, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, назорати прокурорӣ ва баррасии судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта.

## 3. САМТИ АСОСИИ МОНИТОРИНГИ ОМОРИИ ВАЗЪИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*

6. Самтҳои асосии мониторинги омории вазъи муқовимат ба коррупсия инҳо мебошанд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*:

- вазъи баррасии аризаҳо ва иттилоот оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
- маълумот оид ба ошкоршавии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
- ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта вобаста ба соҳаҳо ва самтҳои фаъолият;
- ҳолати таҳқиқу тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
- маълумот оид ба шахсоне, ки ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта содир кардаанд;
- баррасии судии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
- ҷазоҳои таъиннамудаи судҳо барои содиркунии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;
- маълумот оид ба шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта маҳкум шудаанд;
- маълумот оид ба пешгирӣ, ошкоркунӣ, санҷишу тафтиш, рафъ намудан ва натиҷаи баррасии дигар ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ;
- вазъи назорати прокурорӣ доир ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

## 4. ҶАМЪОВАРӢ ВАТАШАККУЛИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ОИД БА ВАЗЪИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*

7. Ташаккули маълумоти оморӣ оид ба вазъи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, ба амал бароварда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

8. Мақомоти баҳисобгирии омории вазъи муқовимат ба коррупсия дар самтҳои бо банди 6 Методологияи мазкур пешбинишуда инҳо мебошанд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*:

- мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти дигари таҳқиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистои ҳуқуқи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва гузаронидани таҳқиқи ибтидоӣ доранд.

9. Мақомоти дар банди 8 Методологияи мазкур номбурдашуда бо тартиби муқарраргардида ва дар мухлати пешбининамудаи Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, фаслҳои дахлдори Ҳисоботи омории Шакли 1 коррупсияро тартиб дода, ба мақомоти прокуратураи зинаи дахлдор пешниҳод менамоянд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

## 5. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ ОИД БА ВАЗЪИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*

10. Таҳлил ва арзёбии маълумоти оморӣ оид ба вазъи муқовимат ба коррупсия аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокуратураҳои зертобеи он амалӣ карда мешаванд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

## 6. ҲИСОБОТ ОИД БА НАТИҶАҲОИ МОНИТОРИНГИ ОМОРИИ ВАЗЪИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*

11. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумоти гирифташуда оид ба вазъи пешгирӣ, ошкоркунӣ, бақайдгирӣ, рафъ намудан, кушодани ҷиноятҳои коррупсионӣ, пахншавии онҳо дар мақомоти давлатӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, вазъи таҳқиқу тафтиш ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ин самт, самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муқовимат ба коррупсия, риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ҷомеа дар раванди муқовимат ба коррупсия ҳар нимсола ба Маҷлиси

миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

12. Натиҷаҳои мониторинг ҳамзамон аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи ирсоли мактубҳои иттилоотӣ ба маълумоти субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда расонида мешаванд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.

13. Натиҷаҳои мониторинг аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии коррупсия, методикаи муосири ошкоркунӣ, таҳқиқу тафтиш, баамалбарории назорати прокурорӣ ва баррасии судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва пешниҳоди таклифҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар ин самт истифода карда мешаванд.

14. Маълумот оид ба натиҷаҳои мониторинги омории вазъи муқовимат ба коррупсия дар воситаҳои ахбори омма интишор карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.2023 № 605)*.